Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи «Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир ҳамгироии иқтисодӣ яке масъалаҳои маркази сиёсати иқтисодии давлатҳои дар асоси иқтисоди бозорӣ пешраванда маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки захираҳои иқтисодӣ дар байни мамлакатҳо нобаробар тақсим шудаанд, чунин ҳолат зарурати объективии ҳамгироии иқтисодиро ба вуҷуд меорад. Аз дигар тараф мамлакатҳо дар таъмини рушди самараноки иқтисоди миллиашон ҳамеша ҳавасманд мебошанд. Аз ин рӯ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди самараноки иқтисоди миллии мамлакатҳо ин ҳамгироии иқтисодӣ ва муттаҳидшавии давлатҳо дар сохторҳои гуногуни ҳамгироӣ мебошад.

Ҷумҳурии Точикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳамгироии иқтисодӣ бо кишварҳои гуногун инкишоф ёфта, иштирокчии фаъоли равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ буда, узви комилҳуқуқи чандин иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, таҳлили ҳамаҷонибаи қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ва дар ин асос пешниҳоди роҳу усулҳои муосири тавсеаи ҳамкорӣ барои иқтисодиёти кишвар масъалаи мубрам ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар автореферати рисолаи номзадии барои тақриз пешниҳодшуда, масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳамгироии иқтисодӣ, асоснокзозии қонуниятҳо ва хусусиятҳои ҳамгироии иқтисодӣ, муайянсозии самтҳои

ояндадори ҳамкориҳо дар сатҳи созмонҳои ҳамгирой таҳлилу баррасӣ гардида, хулосаҳои лозимӣ пешниҳод карда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои онро метавон барои арзёбии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои иқтисодии ҳамгирой истифода бурд. Омузиши ҳамаҷонибаи ин масъалаҳо барои васеъ ва зиёд кардани самараи иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гурӯҳҳои иқтисодии ҳамгирой имкониятҳои нави илмӣ ва тавсияҳои амалиро фароҳам меорад.

Дар шароити муосир таҳлил намудани қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ва инчунин таҳия кардани пешниҳодоти мушаххас оид ба рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сохторҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва берун аз он аз навгониҳои илмии тадқиқоти мазкур ба шумор меравад.

Шиносой бо мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки унвонҷӯ дорои дониши васеи назариявӣ ва амалӣ буда, ҷиҳатҳои илмӣ ва амалии мавзуро ниҳоят муфассал нишон додааст. Таҳлили васеъи маводҳо ба тадқиқотчӣ имконият додааст, ки дар автореферат хулосаҳои илман асоснокро пешниҳод намояд. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар маҷалаҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ироа гардидаанд.

Дар баробари бартариятҳои зиёди афтореферати диссертатсия баъзе тавсияҳоеро пешниҳод намудан мумкин аст:

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамчун ҷанбаҳои асосии тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи кишварҳои узви созмонҳои ҳамгирой метавонад бошад, аммо дар автореферат маълумот оиди мавқеи кишварҳои шарикони стратегии ҶТ дар ин самт оварда нашудааст, ки метавонист арзиши кори мазкурро баланд бардорад.

Пешниҳодҳои мо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати рисолаи илмии анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Новобаста аз ин, қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи «Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгирои иқтисодӣ дар шароити муосир», ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30.06.2021, №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон, д.и.и. Раҳматзода Ҳ.Б.

Имзои Раҳматзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо Раҳимов А.А.

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

«05» 03 2025 с.